**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№8**

**аз 31 августи соли 2007** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байни-ҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ дар байни онҳо**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 ноябри соли 2012, №35, аз 18 ноябри соли 2013, №14 ва аз 14 июни соли 2018, № 31 ворид карда шудаанд)***

Бо мақсади дуруст татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ дар байни онҳо, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ин ҷиноят ба муқобили қоидаҳои муқаррарнамудаи оинномаҳои ҳарбӣ оид ба муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ дар байни онҳо, ки дар таҳқири мунтазам, паст задани шаъну эътибор, шиканҷа, расонидани зарари ҷисмонӣ ба саломатӣ ва дигар ҳаракатҳо, ки моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, равона карда шудааст. Талаботи асосии ин тартибот дар Оиннномаи хизмати дохилӣ ва Оинномаи интизомии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

2. Ба судҳо фаҳмонида шавад, ки зери мафҳуми вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарӣ намудҳои мухталифи зӯроварӣ аз тарафи як хизматчии ҳарбӣ нисбати хизматчии ҳарбии дигар, ки дар таҳқири мунтазам паст задани шаъну эътибори онҳо, шиканҷа ё расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси бад шудани саломатӣ гардидааст ё дар ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ, ки бо мақсади таъмин намудани худ бо шароити осони хизмат, пайдо кардани бартарӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ, зери итоати худ даровардани ҳамхизмати худ, инчунин аз дигар ҳиссиётҳо, аз он ҷумла аз ҳиссиёти авбошӣ содир мегарданд, дар назар дошта мешавад.

Вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар баъзе ҳолатҳо бо сабабҳои кинаю адоват ё низои миллӣ ё маҳалгароӣ бо паст задани ҳиссиёти миллии хизматчиёни ҳарбӣ содир мегарданд.

3. Диққати судҳо ба он бояд ҷалб карда шавад, ки тибқи талаботи моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон он кирдорҳое банду баст карда мешаванд, ки агар онҳо чӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ ва чӣ берун аз он содир шуда бошанд. Моддаи мазкур дар он ҳолат татбиқ карда мешавад, ки байни гунаҳгор ва ҷабрдида тобеияти хизматӣ вуҷуд надошта бошад.

Ҷинояти бо моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубастшаванда, метавонад бо беҳурматии ошкоро нисбати хизматчиёни ҳарбӣ, дағалона вайрон намудани тартиботи дохилии ҷузъу томҳои ҳарбӣ, истироҳати муқаррарӣ ё фароғати ҳайати шахсӣ, дар кӯшиши бартарии худро нишон додани хизматчии ҳарбии қаблан ба хизмат даъватшуда нисбати наваскарон содир шавад.

4. Таваҷҷуҳи судҳо бояд ба он равона карда шавад, ки ҳодисаи истифодаи зӯроварӣ ва ё таҳқир ва дигар кирдорҳо аз тарафи як хизматчии ҳарби нисбати хизматчии ҳарбии дигар дар заминаи хусумати шахсӣ, ки байни онҳо дар натиҷаи ба вуҷуд омадани ҳуқуқҳои моликиятӣ, никоҳӣ-оилавӣ ва дигар ҳуқуқҳои шахсию озодии ба хизмати ҳарбӣ ва вайрон намудани тартиботи ҳарбӣ вобастанабуда рӯй медиҳанд, бо моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда намешавад. Чунин қонуншиканиҳо бояд тибқи меъёрҳои қонунгузории умумии ҷиноятӣ оиди ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, моликият, тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайраҳо банду баст карда шаванд.

Вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо бо сабабҳои кинаю адоват ё низои миллӣ, бо паст задани ҳиссиёти миллии хизматчиёни ҳарбӣ содир мегарданд, бояд аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳои моддаҳои 143 ва 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шаванд.

5. Зери мафҳуми таҳқири мунтазами хизматчии ҳарбӣ, яъне беадабона бо алфози қабеҳ паст задани шаъну шараф ва эътибори шахси дигар, намудҳои гуногуни он (таҳқир), маҷбур кардани ҷабрдида барои иҷрои ҳаракатҳое, ки шаъну шараф ва эътибори ӯро паст мезананд (мисли, ба замин ҳаму ростшавӣ (отжимание), иҷро кардани дигар машқҳои ҷисмонӣ ва ҳар гуна фармонҳои ғайриқонунӣ), ба ҷо овардани хизмати сарбозони, қаблан ба хизмат даъватшуда, ба ҷои онҳо иҷро намудани ин ё он ӯҳдадории хизмати ҳарбӣ ва амсоли онҳо, ки се ва ё зиёда маротиба содир шудааст, фаҳмида мешавад.

Ҳамчунин, таҳқири мунтазам ва паст задани шаъну эътибор дар маҷбур сохтани ҷабрдида барои содир намудани ягон ҳаракати ошкоро берун аз ҳадди муносибатҳои оинномавии байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ ва ба меъёрҳои ахлоқ номувофиқ (шустушӯи сару либос, рӯбучини ҷои ҳоби гунаҳгор, иваз намудани сару либос) низ ифода ёфта метавонад.

Зери мафҳуми таҳқир инчунин содир намудани ҳар гуна ҳаракатҳое, ки барои ба ҷабрдида расонидани дарди ҷисмонӣ ва шиканҷа сабаб мешавад, фаҳмида мешавад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки паст задани шаъну эътибор, таҳқир ва дигар ҳаракатҳое, ки аз ҷониби гунаҳгор содир мешаванд шахсияти ӯро аз ҷиҳати манфӣ ифода менамоянд.

Паст задани шаъну эътибор ҳамчун яке аз шаклҳои вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарӣ аз рӯи аломатҳои объективии худ ба таҳқир монанд мебошад (моддаи 372 КҶ ҶТ).

Фарқият дар тарафи субъективӣ, дар самти қасди гунаҳгор ҷой дорад. Ҳангоми таҳқир кӯшиши паст задани шаъну эътибори ҷабрдида мақсади ниҳоии ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми чунин ҳаракатҳо ба ҷабрдида пешниҳод намудани ин ё он, талаботҳо, бо маҷбур намудан ба вайрон намудани ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ ва ғайра алоқаманд нестанд.

Ҳангоми паст задани шаъну эътибори ҷабрдида бошад он чун воситаи (усули) ноил шудан ба мақсадҳои дигар, аз ҷумла, таъмин намудани худ бо шароити осони хизмат, пайдо кардани бартарӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ, зери итоати худ даровардани ҳамхизмати худ ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад.

Вайрон кардани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ дар байни онҳо, бинобар набудани мақсаде, ки дар моддаи $143^{1-и}$ КҶ нишон дода шудааст, бо моддаи 373 КҶ банду баст карда, бо моддаи $143^{1-и}$ КҶ банду басти иловагиро талаб намекунад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи моддаи 1 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аз 10 декабри соли 1984, зери мафҳуми шиканҷа ҳама гуна амале, ки ба воситаи он ба ягон шахсе қасдан ё бо дигар сабаби ба табъизи дорои ҳама гуна хислат асосёфта дарду азоби сахт ё азоби ҷисмонӣ ё маънавӣ расонда мешавад, фаҳмида мешавад.

Нишонаҳои зарари сабук ба саломатӣ инҳоанд:

а) ба муҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ;

б) андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнатӣ.

Ба муҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ дар он вақт ҷой дорад, ки ҷабрдида дар натиҷаи ҷиноят қобилияти меҳнатиашро ба мӯҳлати камтар аз се ҳафта (то 21 рӯз) аз даст дода бошад. Андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнатӣ бошад, дар он ҳолат ҷой дорад, ки дар натиҷаи ҷиноят шахс қобилияти меҳнатии худро ба андозаи то 10% гум карда бошад.

Ғайриқонунӣ маҳрум сохтани шахс аз озодӣ дар ҳамон маврид ҷой дорад, агар оиди гашту гузор дар макон, интихоби ҷой зист, муомила бо одамон, ба мисли бо роҳи зӯрӣ нигоҳ доштани ҷабрдида дар дохили бино, имконияти ҷабрдида маҳдуд карда шуда бошад.

Ин ҷиноят бо роҳи истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ва ё ҳар ду дар як вақт, инчунин бо роҳи фиреб амалӣ мегардад. Зӯроварии рӯҳӣ, яъне, таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ нисбати ҷабрдида, барои пахш намудани иродаи ҷабрдида ва муқобилияти у истифода бурда мешавад.

Ҷиноят аз лаҳзаи содир гаштани яке аз ҳаракатҳои номбаршуда хотимаёфта эътироф карда мешавад.

6. Мутобиқи моддаи 19 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ дар байни онҳо он гоҳ такроран эътироф карда мешавад, ки агар шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар моддаи мазкур пешбинишударо содир карда бошад ва агар гунаҳгор барои ҷинояти қаблӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод нашуда бошад ё доғи суди барои ҷинояти қаблан содир карда, бардошта ё барҳам нахурда бошад.

7. Ҷиноят нисбати ду ва зиёда шахс дар як вақт ё дар вақтҳои гуногун содир шуда метавонад. Агар вайронкунии қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ нисбати ҳамон як шахс, вале дар вақтҳои гуногун содир шуда бошад барои банду баст кардани ҷиноят бо банди «б» қисми 2 моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос шуда наметавонад.

8. Ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда он гоҳ эътироф карда мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар бораи якҷоя содир кардани ҷиноят пешакӣ маслиҳат кардаанд.

Ҷиноят аз тарафи гурӯҳи муташаккил содиршуда он гоҳ эътироф карда мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад.

9. Зери мафҳуми содир намудани ҷиноят бо истифодаи силоҳ, ки бо моддаи 373 қисми 2 банди «г»-и КҶ пешбинӣ шудааст, бо мақсади ба ҷабрдида расонидани таъсири ҷисмонӣ ё рӯҳӣ дар назар дошта мешавад. Агар гунаҳгор силоҳро ғайриқонунӣ дастрас карда бошад, он гоҳ кирдори ӯ бояд иловатан бо моддаи 195 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

Ба судҳо фаҳмонида шавад, ки зери мафҳуми истифодаи силоҳ тибқи банди «г»-и қисми 2 моддаи 373 КҶ истифодаи предметҳои махсус барои ба ҳадаф расидан, яъне истифодаи силоҳи штатии артишӣ (автомат, таппонча, милтиқ, найза, ханҷар ва ғайра) инчунин дигар силоҳҳои сард ва оташфишони хаводиҳанда (пневматикӣ) ва газии истеҳсоли корхона ва ҳам худсоз (милтиқи шикорӣ, корди финӣ (финка), кастет ва ғайра), дар назар дошта мешавад. Ҳар гуна предметҳои барои хоҷагӣ ва дигар кордҳои муқарраркардашуда (корди қаламтарошӣ – чоку, табар, калтак ва ғайра) барои ҷиноятро бо банди «г» қисми 2 моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст намудан асос шуда наметавонад.

Истифодаи силоҳ аслан истифода кардани он бо мақсади ба ҷабрдида расонидани зарари ҷисмонӣ ё рӯҳӣ дар назар дошта мешавад.

Таҳдид ба воситаи нишон додани силоҳ, ҳаракат (тоб, алвонҷ) додани он ва амсоли ин бояд ҳамчун истифодаи силоҳ эътироф карда шавад, зеро бо ин ҳаракатҳо гунаҳгор ба ҷабрдида таъсири рӯҳӣ расонида, иродаи ӯро хароб месозад ва бо ин роҳ мақсади ҷинояткоронаи худро осон мегардонад.

Далели фақат ба худ силоҳ доштан, агар гунаҳгор бо он таҳдид накарда бошад ва онро истифода набурда бошад, истифодаи силоҳ ҳисобида намешавад.

Ҳамчунин ҷиноят бо истифода аз силоҳ содиршуда эътироф карда намешавад, агар таҳдид

на бо ҳаракатҳои мушаххас ба воситаи силоҳ, балки шифоҳӣ ифода шуда бошад.

10. Зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ (банди «д» қисми 2 моддаи 373 КҶ) дар ҳолати вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеъияти хизматӣ дар байни онҳо метавонад ҳам қасдона ва ҳам аз беэҳтиётӣ расонида шавад.

Яъне гунаҳгор дарк мекунад, ки тартиботи муқаррарнамудаи оинномаҳои ҳарбиро оиди муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ вайрон менамояд, яъне бо ҳаракатҳои худ таҳқири мунтазам, паст задани шаъну эътибор зӯроварӣ нисбати хизматчии ҳарбие, ки у аз ҷиҳати мавқеи хизматӣ бо вай баробар аст, содир карда истодааст ва хоҳиши содир намудани чунин кирдорро дорад.

Муносибати гунаҳгор нисбати оқибатҳои кирдораш, ки дар банди «д»-и қисми 2 моддаи 373 КҶ нишон дода шудааст (зарари миёна ё вазнин ба оқибатҳои вазнин) дар беэҳтиётӣ низ ифода гардиданаш мумкин аст, яъне гунаҳгор нисбат ба оқибатҳои ба вуқуъомада худбоварӣ ва ё бепарвоӣ (моддаи 29 КҶ) зоҳир менамоянд.

Расонидани чунин зарар бо моддаҳои дахлдори КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҷиноятҳои муқобили ҳаёт ва саломатӣ банду басти иловагии кирдорро талаб намекунад.

11. Оқибатҳои вазнини ҷинояти вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ (қисми 2 моддаи 373 КҶ) ин: аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидан, ҳамчунон ба худкушӣ расонидани ҷабрдида сӯиқасди ӯ эътироф карда мешавад. Вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар баъзе ҳолатҳо (масалан ҳангоми қаровулӣ зимни баҷоовarии навбатдории ҷангӣ) на танҳо ба ҳалокат оварда расонидани одамон, балки ба вайрон кардани қоидаҳои иҷро намудани ӯҳдадориҳои ҳарбӣ ва дигар оқибатҳои вазнин низ оварда мерасонад. Ин оқибатҳо асос барои банду басти ҷиноят бо банди «д» қисми 2 моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад.

12. Оқибатҳои бавуҷудомада дар шакли расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва ё аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, ҳамчунон ба худкушӣ расонидани ҷабрдида ё сӯиқасди ӯ банди «д» қисми 2 моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад ва банду басти иловагиро бо моддаҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ талаб намекунад. Агар вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардида бошад ё қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида бо ҳолатҳои вазнинкунандае, ки дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 110 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ онҳо бояд ба ғайр аз қисми 2 моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, боз мутобиқи моддаҳои боби 16 Кодекси ҷиноятӣ низ банду баст карда шаванд.

13. Агар ба ҳаракатҳои ғайриоинномавии сарбози қаторӣ сержант, ки ҳам нисбати гунаҳгор ва ҳам нисбати ҷабрдида ҳамчун сардор ба ҳисоб меравад, ҳамроҳ шуда бошад, он гоҳ, кирдори сарбози каторӣ бо моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, кирдори сержант бошад, ҳамчун шахси мансабдор, бо моддаи 391 КҶ ҶТ банду баст карда мешавад.

Агар ҷиноятро хизматчии ҳарбие, ки нисбати ҷабрдида дар тобеияти хизматӣ қарор надорад, бо ҳамроҳии сардор ё тобеъ содир намоянд, он гоҳ кирдори хизматчии ҳарбӣ бо моддаи 373 КҶ, кирдори сардор ё тобеъ бошад, ҳамчун ёрдамчӣ бо қисми 5 моддаи 36 ва моддаи 373 ҳамин Кодекс бояд банду баст карда шавад.

Банду басти кирдори мазкур аз он вобаста аст, ки шахси мансабдор аз кадом давраи содиршавии ҷиноят ба он ҳамроҳ шудааст. Агар сардор ва тобеъ пешакӣ дар бораи содир кардани ҷиноят маслиҳат карда бошанд, он гоҳ кирдори сардор ҳамчун ёрдамчӣ ва агар ӯ баъдан ба он ҳамроҳ шуда бошад, пас мебояд бо моддаи 391 КҶ банду баст карда шавад.

14. Вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ бо ҳаракатҳои аз ҷабрдида кашида гирифтани маводи озуқа, сару либос ва дигар ашёи арзишнок алоқаманд мебошад. Агар дар ин ҳолат аз ҷабрдида предметҳое, ки моликияти шахсии ӯ ба ҳисоб мераванд, кашида гирифта шавад, он гоҳ кирдори гунаҳгор ба ғайр аз моддаи 373 КҶ боз мутобиқи моддаҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои ба муқобили

моликият (мисол ғоратгарӣ, тамаҷӯи моддаҳои 248, 250 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) пешбинӣ менамоянд, банду баст карда мешавад. Истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он ҳангоми кашида гирифтани предметҳои алоҳидаи маводи озуқа, сару либоси ба хизматчии ҳарбӣ додашуда, ҳамчун яке аз тарзҳои вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбиро моддаи 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

15. Вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ ҳамчунон боиси содир шудани ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонии бачабозӣ ё дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ шуда метавонад. Дар ин ҳолатҳо кирдори гунаҳгорон дар маҷмӯъ ҷиноятҳои дар моддаҳои 139, 140, 373 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо ташкил мекунад.

16. Вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар маҷмӯъ бо моддаҳои 373 ва 369 ё 370 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолате банду баст карда мешавад, ки агар онҳо боиси муқобилият нишон додан ё маҷбур кардани сардор ё шахси дигаре, ки иҷрои вазифаи сардорро ба ӯҳда дорад ё содир кардани ҳаракатҳои зӯроварӣ нисбати сардор вобаста ба вазифаҳои хизматии онҳо шуда бошанд.

17. Таваҷҷуҳи судҳо бояд ба зарурати риояи қатъии принсипи фардикунонии таъини ҷазо нисбати шахсоне, ки дар содир намудани ҷинояти вайрон намудани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ дар байни онҳо гунаҳгор дониста шудаанд, равона карда шавад, то ки ба ҳодисаҳои беасосу ғайриқонунӣ таъин кардани ҷазои сабук ё вазнин роҳ надиҳанд.

18. Зимни баррасӣ кардани ин гуна парвандаҳо ба судҳо лозим аст, ки сабаб ва шароитҳои содиршавии ин ҷиноятҳоро муайян сохта, бо роҳи баровардани таъиноти хусусӣ ва ба диққати шахсони мансабдор расонидани онҳо, инчунин барои бартараф намудани камбудиҳо чораҳои мушаххас андешанд.

19. Марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии коллегияи ҳарбии Суди Олӣ вазифадор карда шаванд, ки қонунӣ, асоснок ва одилона будани ҳукмҳои судиро мавриди санҷиши пурра ва ҳаматарафа қарор дода, барои ислоҳ намудани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои бо қонун пешбинишударо андешанд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**